# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004
# ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ
# ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

Парвандаи аттестатсионии №46

Хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 12.09.2020, суратҷаласаи №46 оид ба пешниҳоди дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Собирзода Нуралӣ Миралӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи «Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, аз 02 марти соли 2020, суратмаҷлиси №72 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон *(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)*, ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

Собирзода Нуралӣ Миралӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит бо дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2004 диссертатсияи номзадиро барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ дар Шӯрои диссертатсионии 050.005.01 назди Институти иқтисодиёти хоҷагии қишлоқи Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди хадамоти нақлиёт дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ дифоъ намудааст.

Диссертатсия дар мавзӯи «Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор» дар кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2014 суратҷаласаи Шӯрои олимон таҳти № 09 тасдиқ гардида, мушовири илмии унвонҷӯй Қодирзода Диловар Баҳриддин, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор тайин шуд.

**Муқарризони расмӣ:**

**Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Қудратов Рустам Раҳматович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Раҳматзода Ҳайдар Бобо -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур муайян карда шудааст.

**Муассисаи тақриздиҳанда -** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур Самандаров И.Ҳ. (суратҷаласаи №9, аз 24.04.2020с.) ба имзо расида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур, доктори илмҳои кишоварӣ, профессор Маҳмадёрзода У.М. аз санаи 01.05.2020с. тасдиқ шудааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи «Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои "Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Дисертатсияи Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи "Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор" мувофиқи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент омода карда шудааст: 10.2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарқкунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосир. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва равандҳои идоракунии оммавӣ; 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизм, метод ва технологияи таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.5. Махсусияти коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Алоқаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо.

Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ; 10.8. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйиротҳо дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.12. Баҳодиҳии идоракунии ташкилот ҳамчун низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Маҳаки баҳодиҳии самаранокии идоракунӣ. Усулҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии натиҷабахшии идоракунӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф беш аз 20 асарҳои илмӣ бо ҳаҷми 19,7 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРИИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗӮИ ТАҲҚИҚОТ

### А). Интишор дар нашрияҳое, ки ба рӯихати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари илмии тақризшаванда воридaнд:

[1-М] Собирзода Н.М. Статистический анализ эффективности использования земельных ресурсов в дехканских (фермерских) хозяйствах Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал).- Душанбе: «Сино», 2009. –№5 (53). – С. 237 – 240 (в соавторстве с Барфиевым К.).ISSN – 2413-5151.

[2-М] Собирзода Н.М. Проблемы внедрения МСФО в экономических субъектах Таджикистана // Вестник Кыргызского национального университета имени Жусупа Баласагына 2012 . - С. 384-386 (0,2 п.л).

[3-М] Собирзода Н.М. Реформирования экономического положения и переход к системе гибкого государственного регулирования – главная задача продовольственной независимости // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал).- Душанбе: «Сино», 2012. –№ 9 (65). – С. 100-105 (в соавторстве с Барфиевым К.).ISSN – 2413-5151 (0,3 п.л).

[4-М] Собирзода Н.М. Совершенствование бухгалтерского учета и отчетности в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан на основе МСФО // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2013 г. –№2/2(107). – С. 30-35 (в соавторстве с Барфиевым К.).ISSN – 2413-5151, (0,3 п.л).

[5-М] Собирзода Н.М. Система управления конкурентоспособностью организации // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2013 г. –№2/8(100). – С. 108-112 (в соавторстве с Барфиевым К.) ISSN – 2413-5151,(0,3 п.л).

[6-М] Собирзода Н.М. Система учета управления затратами по центрам ответственности в сельском хозяйстве // Вестник Таджикского национального университета.Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2019. –№3. Ч. 2. – С. 116-122 (в соавторстве с Барфиевым К. и Мирзохоновым С.).ISSN – 2413-5151, (0,4 п.л.).

[7-М] Собирзода Н.М. Финансовое состояние сельхозпредприятий и пути повышения их рентабельности // Финансовая экономика/Всероссийский научно-аналитический журнал. – М.: 2019. – № 5. – С. 1-5 (в соавторстве с Барфиевым К., Расуловым Д., Орзиевой З.), (0,3 п.л.).

[8-М] Собирзода Н.М. Анализ факторов, определяющих конкурентоспособность АПК региона// Вестник Таджикского национального университета // Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2019. –№3. Ч. 2. – С. 14-19 (в соавторстве с Барфиевым К. и Мирзохоновым С.).ISSN – 2413-5151, (0,4 п.л.).

[9-М] Собирзода Н.М. Экономическая сущность и особенности государственного регулирования развития сельского хозяйства // Вестник Таджикского национального университета // Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2019. –№8. – С. 5-8 (в соавторстве с Кодировым Д.Б.).ISSN – 2413-5151, (0,4 п.л.).

[10-М] Собирзода Н.М. Государственное регулирование аграрной экономики в рамках школы институционализма // Вестник Таджикского национального университета // Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2019. –№9. С. 28-33 (в соавторстве с Кодировым Д.Б.).ISSN – 2413-5151,(0,4 п.л.).

[11-М] Собирзода Н.М. Финансовый механизм государственного регулирования сельского хозяйства в современных условиях // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2019. –№ 10. – С. 5-9. ISSN – 2413-5151, (0,4 п.л.).

[12-М] Собирзода Н.М. Оценка экономического развития отрасли сельского хозяйства в Таджикистане // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2020. –№1. – С. 18-24 (в соавторстве с Кодирзода Д.Б.). ISSN – 2413-5151, (0,4 п.л.).

[13-М] Собирзода Н.М. Асосҳои рушди инноватсионии бахши кишоварзии Тоҷикистон // Вестник Таджикского национального университета // Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2020. – №1. – С. 44-50 (в соавторстве с Кодирзода Д.Б.). ISSN – 2413-5151.

[14-М] Собирзода Н.М. Формы и методы государственной финансовой поддержки аграрной сферы // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2020. - № 1 (69). – 0,7 п.л. (в соавторстве с Кодирзода Д.Б.).

[15-М] Собирзода Н.М. Самтҳои ташкили механизми танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқ // Вестник Таджикского национального университета// Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино», 2020. – №2. – 0,6 п.л.

[16-М] Собирзода Н.М. Таҷрибаи рушди хоҷагии қишлоқ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. Серия экономических наук. – Душанбе: «Сино». – 2020. – №1. – С. 44-50 (в соавторстве с Кодирзода Д.Б.). ISSN – 2413-5151, (0,4 ҷ.ч.).

**В) Мақолаҳои илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

[17-М] Собирзода Н.М. Танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор (монография). – Душанбе: ДМТ, 2019. – 208 с. (дар ҳаммуаллифи бо Қодирзода Д.Б., Барфиев Қ.Х.), (13 ҷ.ч.).

[18-М] Собирзода Н.М. Ҳолат ва имкониятҳои тараққиёти баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – Қӯрғонтеппа, 2017 г. –№1/3 (47). – Стр. 230-233 (ISSN 2309-6764), (0,2 ҷ.ч.).

[19-М] Собирзода Н.М. Основные показатели сельского хозяйства и методы их исчисления / Материалы Юбилейной научно-практической конференции «Национальный аграрный сектор - элемент европейских земледельческих регионов в стратегии «Европа-2020»». 6-7 ноября 2014. Хозяйственная Академия им. Д.А. Ценова – Свиштов. – Болгария: - С. 162-173 (в соавторстве с Барфиевым К.Х.), (0,7 п.л.).

[20-М] Собирзода Н.М. Развитие управленческого учета в сельскохозяйственных организациях / Материалы международной научно-практической конференции: «Внедрение Международных стандартов аудита в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы». – Душанбе: 29-31 мая 2014 года. - С. 46-52 (в соавторстве с Барфиевым К.Х.), (0,5 п.л.).

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардиданд:**

1. **Пиризода Ҷ.С.** – директори Институти иқтисодиёти кишоварзии АИ КТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИ КТ бо эроди зерин: 1) Дар автореферати диссертатсия механизми дастгириии давлатии бахши кишоварзӣ ба товри мукаммал инъикос нагардидааст.

**2. Қодиров А.Л.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети молия ва иқтисодиёти бозории МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” бо эродҳои зерин: 1) Агар муаллиф дар ҷадвали 1-уми автореферат таҳлили муқоисавии заминҳои корношоям гардидаи ҷумҳуриро дар солҳои 2014-2018 нишон медод, ҳолати муосири камбудиҳои соҳаи кишоварзӣ возеҳтар аён мегардид;

2) Муаллиф дар саҳифаи 31 ибораҳои “нокомии бозор” ва “бесамарии ҳукумат”-ро дарҷ намудааст, лекин оид ба шарҳи иқтисодии онҳо дар низоми фаъолияти кишоварзӣ чизе оварда нашудааст.

**3. Бозоров Ш.Ш.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Хуб мешуд агар муаллиф бештар тадқиқоти соҳаи агросаноатиро дар тамоми давраҳои рушди ин соҳа дида мебаромад; 2. Дар тадқиқотҳои минбаъда масъалаҳои рушди комплекси субъектҳои кишоварзӣ – хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ,аз ҷумла механизмҳои рушди хоҷагиҳои ёрирасонро васеътар баррасӣ намудан лозим аст.

**4. Бойматов А.А.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхона ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Беҳтар мебуд, агар муаллиф диққати асосиро ба асосҳои институтсионалӣ дода, ба гузаронидани таҳлили чуқури институтҳои ғайрирасмии амалкунанда, ки ба ташакули механизмҳои танзими давлатии хоҷагии қишлоқ таъсири калон мерасонад, равона месохт. Шояд ин нукта дар матни рисолаи илмӣ инъикос ёфта бошад. Лекин хотиррасон менамоям, ки ин қисмат бениҳоят муҳим аст ва ба инобат гирифтани институтҳои ғайрирасмӣ ба мо имкониятҳои бештарро дар самти такмили танзими давлатии хоҷагии қишлоқ фароҳам меоварад; 2) Дар саҳ. 19 (Ҷадвал*и 1.*) муаллиф номи ҷадвалро “**Динамикаи тағйирот дар соҳаи заминҳои кишоварзӣ ва заминҳои корам**” номгузорӣ намудааст, ба андешаи мо ин номгузорӣ чандон дуруст нест, хуб мешуд, ки аз номи ҷадвал калимаи “Динамика” тамоман бардошта шавад, инчунин 2 маротиба калимаи кишоварзӣ такрор шудааст. Он гоҳ “Заминҳои кишоварзӣ ва заминҳои корами хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон” номгузорӣ менамуд.

**5. Саидова М.Ҳ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки дар рисола ба таҳқиқи асосҳои назариявии танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқ дар шароити бозор

ҷойи асосӣ ҷудо карда шудааст. Мутассифона, дар автореферат на ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқи назариявию методологии ин мавзӯи хело муҳим вобаста ба шароити имрӯзаи хоҷагии қишлоқи кишвар ва минтақаҳои он ба пуррагӣ баррасӣ шудааст; 2) Мутаассифона, дар автореферат пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи шаклҳо, моделҳо ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ оварда нашудаанд; 3) Дар автореферат ба баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, ҳолату сабабҳои рақобатпазирии пасти маҳсулотҳои ватанӣ нисбат ба маҳсулотҳои воридотӣ диққати асосӣ дода нашудааст; 4) Дар автореферат баъзе аз мафҳумҳо ва ҷабҳаҳо ба тариқи конкретӣ баён карда нашудаанд.

6. **Ташбаев А.М.**- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи бизнеси информатсионӣ ва иқтисоди информатсионии Донишгоҳи технологии Ош ба номи Адышева М.М.- и (Ҷумҳурии Қирғизистон) бо эродҳои зерин: 1) Дар автореферат муаллиф ба масъалаҳои мукаммалгардонии механизми танзими давлатии бахши кишоварзӣ диққати бештар ва ба сабабҳои рушд накардани он махсусан механизмҳои молиявӣ - иқтисодӣ диққати кам дода шудааст; 2) Дар саҳифаи 32 докторант модели муаллифии рушди инноватсионии хоҷагии халқ дар асоси шарикии давлат бо бахши хусусиро овардааст. Вале пешгӯиҳо ва таҳлилҳои муқоисавии таъсири чунин омилҳоро дар мамлакатҳои дигар нишон надодааст.

7. **Ситнов А..А.**- сармуҳаррири илмии маҷаллаи «Проблемы экономики и юридической практики», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори департаменти бизнес-таҳлил ва аудити факултети андоз ва бизнес-таҳлили Донишгоҳи молияи Федератсияи Россия бо чунин эродҳо: 1). Дар автореферат муаллиф бештар ба механизми таркибии рушду танзими соҳаи кишоварзӣ диққат дода, асосҳои назариявии пешниход намудаи олимони ватаниро аз мадди назар дуртар мондааст; 2). Хуб мешуд, ки агар муаллиф таҳлили муқоисавӣ ва тамсилавии рушди соҳаи кишоварзиро вобаста ба “СМР барои то давраи соли 2030” пешниҳод менамуд.

8. **Покрытан П.А**-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи равандхои глобалӣ-иҷтимоӣ ва кор бо ҷавонони факултети равандҳои глобалии Донишгоҳи давлатии Масква ба номи М.В. Ломоносов бо чунин эродҳо: 1.) Ба муаллиф зарур аст, ки дар тадқиқотҳои ояндаи худ диққати асосиро ба рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун натиҷаи наздикшавии бозори аграрӣ ба талаботҳои хоҷагии ҷахонӣ ҳамчун омили рақобатпазирии он диҳад; 2.)Муайяннамоии дурнамои имкониятҳои

мукаммалгардонии механизмҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ ва тахлили мукоисавии он бо "СМР Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030" бояд мусбӣ арзёбӣ гардад.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва дар онҳо қайд шудааст, ки эродҳои зикргардида арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва андешаҳои муаллифон хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда:**

- зарурати танзими давлатии дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар бахши кишоварзӣ асоснок карда шудааст, ки пеш аз ҳама, аз принсипи эволютсионии рушди иқтисодиёт бармеояд. Ин нишон медиҳад, ки институтҳои бахши кишоварзӣ нисбат ба дигар сохторҳои институтсионалӣ инерсияи назарраси рушдро нишон медиҳанд ва дастовардҳои пешрафти илмӣ ва техникиро бо такя ба технологияҳои анъанавӣ суст истифода мебаранд. Ҳамаи ин таъсиррасонии давлатро дар танзими равандҳои институтсионалӣ дар бахши кишоварзӣ тақозо мекунад. Ғайр аз он, зарурат ба идоракунии давлатӣ на танҳо дар давраҳои бухронӣ, балки дар дигар марҳилаҳои рушди бахши кишоварзӣ барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани самараи рушди устувор ба вуҷуд меояд;

- дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои намояндагони мактабҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейнсионӣ ва институтсионалӣ танзими давлатии бахши кишоварзиро ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои назоратию танзимӣ, ки ниҳодҳои давлатии ваколатдор бо истифода аз шаклу усулҳо ва фишангҳои давлатии таъсиррасонӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидории бахшро бо мақсади таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва баландбардории некуаҳволии мардум амалӣ менамоянд, муайян намудааст;

- заминаҳои институтсионалии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, муаммоҳои зерини ҳалталаб дар бахши кишоварзӣ ҷудо карда шудааст: сатҳи пасти соҳибистиқлолии озуқавории мамлакат; сат***ҳи*** пасти даромаднокии бахши кишоварзии ҷумҳурӣ, ки барои азнавсозии техникию технологии он шароит муҳайё намекунад ва гузаришро ба шакли инноватсионию инвеститсионии истеҳсолот мураккаб месозад; сатҳи пасти рақобатпазии маҳсулоти ватанӣ чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи мамлакат, инчунин ба назар нагирифтани тағйиротҳои иқтисодию иҷтимоие, ки дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз воридшавӣ ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ба миён омаданд;

- дар заминаи арзёбии иқтисодии рушди бахши кишоварзӣ хусусиятҳои танзими давлатии бахш ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ ва принсипҳои ташаккули механизми дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои хоҷагидорӣ ва таҳдидҳои ҷаҳони имрӯз ошкор карда шудааст. Истеҳсолоти кишоварзӣ аз нуқтаи назари звенои марказии таъмини амнияти озуқаворӣ, ки барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ имконоти мухталифро фароҳам месозад, баррасӣ карда шудааст;

- муқаррароти назариявии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар шароити муосиргардонии бахши кишоварзӣ таҳия карда шуда, шаклҳои асосӣ (барномаҳои мақсаднок, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои технологӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва ғайраҳо) ва моделҳо (ташкилӣ, маблағгузорӣ, кооператсия ва ҳамгирой)-и шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, ки баландбардории рақобатпазирии бахши кишоварзиро таъмин менамоянд, муқаррар карда шудаанд;

- мавқеи механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар низоми муосиргардонии бахши кишоварзӣ муайян карда шуда, пешниҳод гардидааст, ки муосиргардонии рушди бахш ҳамчун низом баррасӣ карда шуда, унсурҳои асосии он инноватсия, сармоягузорӣ, ниҳодҳои давлативу хусусӣ ва инфрасохтор мебошад. Шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ҳамчун як ниҳод ва механизме пешниҳод гардидааст, ки нақши он дар таъмини инкишофи устувори истеҳсолоти кишоварзӣ таҷассум мeёбад;

- механизми давлатии дастгирии рушди кишоварзӣ бо дарназардошти ҷудосозии принсипҳо, шаклҳо, услубҳои танзими давлатӣ пешниҳод карда шуда, шаклҳои дастгирии давлатии кишоварзӣ дар сатҳи дастгирии даромадҳо ва рушди техникӣ-иҷтимоӣ дар бахш аниқ карда шудааст. Фишангҳои молиявии танзими давлатӣ ва дастгирии бахши кишоварзӣ муқаррар карда шуда, механизми мукаммал гардонидани асосҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва молиявӣ-иқтисодии бахш асоснок карда шудааст;

- роҳҳои баланд бардоштани сатҳи устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ тавассути субсудиякунонии истеҳсоли маҳсулоти муҳими кишоварзӣ, рушди ҳама намуди ҳамкориҳои кишоварзӣ, ташкили шабакаи анборҳо ва коркарди аввалияи ашёи хоми кишоварзӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, пешкаш карда шудаанд. Механизми дастгирии давлатии кишоварзӣ ва танзими сатҳи зиддиинҳисории соҳа бо риояи меъёрҳо ва принсипҳои СУС дар доираи «сабади сабз» ё «сабади кабуд»,

ки барои истеҳсолкунандагони соҳаи алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилӣ маҳдудиятҳои рақобати сунъӣ эҷод намекунад, пешниҳод карда шудаанд;

- хусусиятҳои қарздиҳӣ ба кишоварзӣ дар Тоҷикистон ошкор карда шуда, сабаби камшавии қарздиҳии бонкҳо бо назардошти омилҳои даромаднокии пасти бахш, болоравии меъёри фоизи қарз, баландравии қурби асъори хориҷӣ, беқурбшавии асъори миллӣ дақиқ карда шудааст. Собит карда шуд, ки дар шароити норасогии қарзи бонкӣ дастгирии давлатӣ тариқи пешниҳоди техника ба иҷора, кафолати устувор нигоҳдории нархи маҳсулоти кишоварзӣ бо таъсиси механизми давлатии хариди маҳсулотҳои истеҳсолгардида ва ҷудосозии субсидияҳои мустақим ва ғайримустақим ба бахши кишоварзӣ самаранокии соҳаро баланд гардонида, нақши онро дар ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ дучанд мегардонад;

- самтҳои самарабахши танзими давлатии рушди кишоварзӣ бо дарназардошти омилҳои рақобатпазирии соҳа, вазъи инфрасохтори кишоварзӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ муайян карда шуданд. Махсусан, маҳалликунонии сохтори истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ; баланд бардоштани сифати пахта ҳамчун маҳсулоти асосии кишоварзии Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи хушксозии он; инкишофи робитаҳои истеҳсолӣ байни корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, инчунин ҳавасмандгардонии молиявии соҳаҳои афзалиятноки кишоварзӣ бо дарназардошти нақши онҳо дар таъминоти шуғл ва ғанигардонии бозорҳои дохилӣ ҷудо карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

- зарурати танзими давлатии дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар бахши кишоварзӣ, ки аз принсипи эволютсионии рушди иқтисодиёт бармеояд;

- мафҳуми танзими давлатии бахши кишоварзӣ ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои назоратию танзимӣ, ки ниҳодҳои давлатии ваколатдор бо истифода аз шаклу усулҳо ва фишангҳои давлатии таъсиррасонӣ амалӣ менамоянд;

- асосҳои институтсионалии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳалли маҷмӯи муаммоҳоро таъмин менамоянд;

- хусусиятҳои танзими давлатии кишоварзӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ ва принсипҳои ташаккули механизми дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои хоҷагидорӣ;

- шаклҳои асосӣ ва моделҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, ки баландбардории рақобатпазирии кишоварзиро таъмин менамоянд;

- мавқеи механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар низоми муосиргардонии кишоварзӣ;

- механизми танзими давлатии кишоварзӣ, ки маҷмӯи усулу фишангҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро дарбар мегирад;

- механизми давлатии дастгирии рушди кишоварзӣ бо дарназардошти принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои танзими давлатӣ;

- роҳҳои баланд бардоштани сатҳи устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ тавассути субсудиякунонии истеҳсоли маҳсулоти муҳими кишоварзӣ, рушди ҳама намуди ҳамкориҳои соҳавӣ, ташкили шабакаи анборҳо ва коркарди аввалияи ашёи хоми кишоварзӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ;

- самтҳои самарабахши танзими давлатии рушди кишоварзӣ бо назардошти омилҳои рақобатпазирии соҳа, вазъи инфрасохтори кишоварзӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми таҳия ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ истифода бурда мешаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии он дар шакли тавсияҳои мушаххас таҳия гардидаанд, ки метавонанд аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои қабули қарорҳо дар бахши такмили механизми танзим ва дастгирии рушди бахши кишоварзӣ, бо мақсади рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ истифода бурда шаванд.

Муқаррароти илмӣ ва методие, ки дар диссертатсия асоснок карда шудаанд, дар раванди таълими фанҳои «Иқтисодиёти КАС», «Танзими давлатии иқтисоди миллӣ», «Идоракунии КАС» ва «Макроиқтисодиёт» барои донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

**Арзёбии дуруст будани натиҷаҳои таҳқиқот муайян карда шуд, ки:**

**- идеяҳои асосӣ ба таҳлил:** барои асоноксозии илмӣ-амалии хулосаву пешниҳодҳо дар кор маводҳои расмӣ, корҳои илмии бунёдӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии кишоварзӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия

санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва дигар асноди ҳуқуқию меъёрӣ истифода шудаанд.

**Заминаи иттилоотии таҳқиқот** маълумотҳои оморӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳо рушди кишоварзиро дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он тавсиф дода, дар маҷмӯаҳои оморӣ ва ҳисоботҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ нашр гардидаанд. Инчунин ба сифати иттилоот маводҳои ҷамъ намудаи муаллиф оид ба сохторҳои таҳқиқшавандаи бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат менамоянд.

**Саҳмии шахсии унвонҷӯй иборат аст, аз:**

– **иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷамъ овардан ва коркарди иттилоот:** - таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи рисолаи илмӣ, аз ҷумла: интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот маҳсули чандинсолаи фаъолияти муаллиф мебошанд. Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд;

**- саҳми шахсии муаллиф** ҳамаи марҳилаҳои татбиқи нақшаи диссертатсия, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноксозӣ ва муҳиммияти он, ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия бо иштироки мустақими муаллиф сурат гирифтаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар коркарди ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок гардида, омодасозии мақолаҳо оид ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва ҳалқаҳои илмии сатҳҳои гуногун зоҳир мегардад.

– **натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст:** - аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санади татбиқнамоӣ таҳти №5/62, аз 25 марти соли 2020; - аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади татбиқнамоӣ таҳти №3/36 аз 06 июли соли 2020; - маълумотномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба роҳандозии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ таҳти №3-3а/2030, аз 30 июни соли 2020; - аз Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади татбиқнамоӣ таҳти №3/7-1884 аз 01 июли

соли 2020; - аз Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон санади татбиқнамоӣ тахти №02-14 аз 30 июни соли 2020 замима карда шудаанд;

**- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ ва воқеӣ,** корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди бахши кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва ғайра истифода шуданд;

– **таҳияи** беш аз 20 мақолаҳо дар ҳаҷми 19,7 ҷузъи чопӣ, ки аз онҳо **16** мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд;

– **гузориши** натиҷаҳои таҳқикот тайи солҳои 2009-2020 дар чорабиниҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар ҷаласа Шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Собирзода Нуралӣ Миралӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, қарор қабул намуд.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои Шӯро 20 нафар, аз ҷумла 15 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирок дошта 20 нафар овоз доданд: тарафдор 20, зид нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**
**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**

Имзои / подпись Исайнов Ҳ.Р., Саидмуродова М.А.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)